# 70

## МУҲТАРАМ МУҲАММАДЮСУФ САЙДАЛӢ,

Боиси сарфарозист, ки имрӯзҳо аз таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 70 сол сипарӣ мешавад. Факултети ҳуқуқшиносӣ барҳақ гаҳвораи илми ҳуқуқшиносии мамлакат эътироф гардида, дар натиҷаи заҳматҳои софдилонаи шахсиятҳои бузург ва олимону сиёсатмадорони шинохта ва барҷастаи илми ватанӣ, ба боргоҳи илм ва хазинаи кадрҳои соҳаи ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳими давлатӣ мубаддал гардид.

Нақш ва мавқеи намоён ва назаррасси олимони ин боргоҳи илму маърифат дар бунёд ва ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқӣ, фарҳанг ва шуури ҳуқуқӣ, ки аз моҳияти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будани давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд, беназир мебошад.

Қабули Конститутсия, рушду таҳкими қонунгузорӣ, таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ки бо иштироки васеи олимони факултет ба даст омадааст, имконият фароҳам овarданд, ки зербинои устувори давлатдорӣ гузошта шуда, мамлакат ба шоҳроҳи бузурги созандагиву бунёдкорӣ қадамҳои боварибахш гузорад.

Иқтидори илмии ин даргоҳ имконият медиҳад, ки ҳадафҳои созандаи роҳбарияти олии сиёсии кишвар дар хусуси бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва иҷтимоӣ, ки аз Конститутсия манша мегиранд, ҷомаи амал пӯшида, моҳияти иҷтимоии қонунҳои амалкунанда ба мардум дастрас бошад.

Имрӯз на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ балки тамоми мақомоту сохтор, муассисаву ташкилот ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе бахшу шуъба ё раёсатҳои таъминоти ҳуқуқӣ, ки аз зумраи ҳуқуқшиносони баландпоя ва хатмкунандагони факултети зикршуда мебошанд, тасаввур кардан мумкин нест.

Итминони комил дорем, ки олимони ин даргоҳ минбаъд низ анъанаҳои нек ва мактаби бузурги устодони намоёни ин факултетро идома дода, дар бунёди ҳақиқатан ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ нақши назаррасси худро хоҳанд гузошт.

Аз фурсати муносиб истифода карда, Шумо ва тамоми ҳайати профессорону устодон ва дигар кормандони факултети ҳуқуқшиносиро ба ин санаи муборак шодбошӣ гуфта, ба онҳо тани сиҳату хонаи обод, хотири ҷамъ ва дар ҳаёти касбӣ-омӯзгориашон комёбиҳои беназир таманно менамоям.

Бо эҳтиром,

Раиси
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — А. Ашурзода